# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.04.2024, № 61

Барои сазовор донистани Валиева Ҳалима Субҳонқуловна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонкуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 2-юми феврали соли 2024, суратмаҷлиси № 52 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Валиева Ҳалима Субҳонқуловна 8-уми марти соли 1979 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2001 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Аз 1-уми ноябри соли 2023 ба ҳайси мутахассиси бахши таҷрибаомӯзии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Солҳои 2015-2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гаштааст.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Сафаров Умархоҷа Раҳимович**.

1. **Муқарризони расмӣ: Салихов Шамсиддин Аслиддинович**, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Нодирова Мавзуна Акбаршоевна**, номзади илмҳои филологӣ, мудири бахши кор бо лоиҳаҳои инноватсионии раёсати илми Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи адабиёти муосир Беҳрӯзи Забеҳулло, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони шуъбаи мазкур Саидов Ҷамолиддин, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ Раҳимова Холиса имзо гардида, бо имзою муҳри директори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис Худоӣ пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна дар мавзуи «Тавсиф дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ ва насри бадеии адабиёти давраи нави тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Валиева, Ҳ.С. Нигоҳе ба рӯзгор ва вижагии сабку шеваи нависандагии Сайф Раҳимзоди Афардӣ / Ҳ.С. Валиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/7 (217). – С. 238-241.

[2-М]. Валиева, Ҳ.С. Нақши тасвир дар осори адабӣ / Ҳ.С. Валиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/5. – С. 172-176.

[3-М]. Валиева, Ҳ.С. Тасвири образи модар дар қиссаи «Аз ёдҳо, аз ёдҳо»-и Сайф Раҳими Афардӣ / Ҳ.С. Валиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/4. – С. 189-191.
[4-М]. Валиева, Ҳ.С. Замон ва таҳаввули биниши эҷодкор / Ҳ.С. Валиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 8. – С. 209-215.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Валиева, Ҳ.С. Адабиёт ва замони муосир (Андешаҳои иҷмолӣ атрофи насри замони Истиқлол) / Ҳ.С. Валиева // Маводи конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Адабиёт ва замон». – Душанбе, 2020. – С. 63-69.
[6-М]. Валиева, Ҳ.С. Мавқеи зан – модар дар эҷодиёти Сайф Раҳими Афардӣ (дар мисоли повести «Аз ёдҳо, аз ёдҳо») / Ҳ.С. Валиева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии занон дар соҳаи илм таҳти унвони «Занон ва рушди илми муосир». – Данғара, 2022. – С. 53-56.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Муродов Алишер Аслонхонович** мусбат буда, дар он ба баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ишора шудааст.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон **Наврӯзи Ҷумъамуроди Абдул** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Зимни тасвири зиндагиномаи Сайф бояд манобеи мавҷуд дар ин замина, назари муҳаққиқони осори ӯ зикр мегардид.

2. Ба андешаи мо, дар боби аввал фасли нахуст, ки ба таҳлили ҳикояҳо ва дар маҷмуъ, насри давраи Истиқлол бахшида шудааст, изофӣ аст, вале ин камбудиҳо арзиши рисоларо кам намекунанд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» **Раҷабова Раъно Раҳматовна**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Ба андешаи мо, агар дар автореферат номи ҳар як фасли бобҳо зикр мегардид, беҳтар буд, зеро ин амал корро боз ҳам дақиқтару аниқтар нишон медод.

2. Дар автореферат баъзан ноаниқии фикр ба назар мерасад (саҳ. 15, 16, 19 ...), ки таассуроти хонандаро маҳдуд карда, барои дарки моҳияти масъалаи таҳқиқшаванда халал ворид месозад.

3. Кори диссертатсионӣ бо забони саҳеҳи илмӣ навишта шудааст, вале дар он ғалатҳои орфографӣ, услубӣ техникӣ ба назар мерасанд (саҳ. 3, 5, 8, 11 ва ғайра).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Валиева Ҳалима Субҳонкуловна бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба омӯзиши осори адабии Сайф Раҳимзоди Афардӣ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои «Ситораҳои сари танӯр (1984), «Аз ёдҳо, аз ёдҳо» (1987), «Дурӯғи сафед» (1989), «Васвасаҳои зикри вайҳ» (1999), «Падруду пайғом» (2000), «Доғҳои офтоб» (2003) ва «Чашмаи саҳар» (2014) анҷом ёфта, қиссаю ҳикояҳои нависанда дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба раванди ташаккулу таҳаввули насри замони Истиқлол **баррасӣ** ва нақши Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар ин ҷараён **муайян гардидааст;**
- зиндагинома ва мероси адабии Сайф Раҳимзоди Афардӣ **таҳқиқу баррасӣ гардида**, оғози фаъолият, заминаҳои ташаккули диду назар ва ҳунари эҷодии нависанда **таъин карда шудаанд;**
- дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқ ҷанбаҳои асосии мафҳуми тавсиф, сохтору вазифаҳои он, гурӯҳбандии тавсиф дар адабиётшиносӣ, нақши он дар офариниши осори адабӣ ба доираи таҳқиқ фаро гирифта шуда, ҳунари нависандагии Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар заминаи санъати тавсиф **собит шудааст**;
- мавқеи корбурди тавсиф ва вижагиҳои тавсифи аносири табиат, хона, кулба ва асбобу абзори марбут ба қонуни зист дар осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ таҳқиқ гардида, ҳамчунин, меъёрҳои шинохту

маърифати замону рангҳо ва эҳсосу авотифи инсонӣ дар қиссаю ҳикояҳои ӯ бар асоси тасвирҳо **муайян карда шудаанд**.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши насри бадеии адабиёти давраи нави тоҷикро пурратар гардонида, дар таъини хусусият, шакл ва мазмуну муҳтавои осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар таъини вижагиҳои насри бадеии Сайф Раҳимзоди Афардӣ мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои кори таҳқиқии довталабро дар ҷараёни омӯзиши масъалаҳои ҳамгун ва баррасии эҷодиёти дигар нависандагони замони Истиқлол низ метавон истифода бурд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла М.Б. Храпченко, М.М. Бахтин, Ю.М. Лотман, Ҷ. Бақозода, Х. Шарифзода, А. Набавӣ А. Сайфуллоев, У. Сафар ва дигарон омӯхтаю истифода шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методу равишҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлили анъанавию муҳтавоӣ ва таҳлили мантиқии муқоисавӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар диссертатсия суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба насри бадеии адабиёти давраи нав, хусусан, замони Истиқлол метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба адабиёти замони Истиқлол, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба насри бадеии ин давра, махсусан, дар таъини ҳунари нависандагии Сайф Раҳимзоди Афардӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми тадриси фанҳои таълимии «Адабиёти муосири тоҷик», «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти тоҷик», «Поэтикаи наср», «Ҳусни баён» мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин, маводи манзуршуда ҳангоми омӯзишу таълими курсҳои махсус оид ба назарияи наср, истилоҳоти адабӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва мактабу ҷараёнҳои адабӣ ёрӣ расонида метавонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватанию хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти

методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар заминаи таҳқиқи назарии масъалаҳои матраҳшуда пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** савияи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмӣ роҷеъ ба рӯзгору осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ ва дар ин замина муайян намудани ҳунари нависандагии ӯ мушаххас мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи осори адабии Сайф Раҳимзоди Афардӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Диссертатсияи Валиева Ҳалима Субҳонқуловна ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18-уми апрели соли 2024 дар бораи сазовор донистани Валиева Ҳалима Субҳонқуловна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 19/шд), аз ҷумла 3 нафар доктороны илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Б.

Иҷрокунандаи вазифаи
котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Муродӣ М.Б.

18.04.2024.